ХУЛОСАИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи
илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 04.11.2026, №24

Барои сазовор донистани Раҳимҷон Хушдил, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи **илмии доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ**.

Диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил дар мавзуи «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони Истиқлол)» барои дарёфти дараҷаи **илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ** дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №83/шд) аз 25-уми июли соли 2026, протоколи №11 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Раҳимҷон Хушдил 9-уми майи соли 1989 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Раҳимҷон Хушдил соли 2011 зинаи мутахассиси факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси «Журналист» хатм намудааст ва солҳои 2013-2016 аспиранти шуъбаи рӯзонаи Донишгоҳи мазкур буда, рисолаи номзадиашро соли 2017 дифоъ кардааст.

Фаъолияти омӯзгории Раҳимҷон Хушдил аз моҳи августи соли 2020 ба ҳайси муаллими ҳамкор дар кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оғоз ёфтааст. Инчунин, солҳои 2022-2025 дар шуъбаи докторантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба корҳои илмию таҳқиқӣ машғул шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом ёфтааст.

Мушовири илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саъдуллоев Ҷамшед Муллокомилович.

Муқарризони расмӣ: **Афсаҳзод Аббоси Аълохон** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи медиатехнология ва амнияти иттилоотии факултети журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон», **Саидмурод Хоҷазод** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва **Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги факултети гуманитарию педагогии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

Муассисаи пешбар – **Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»** дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Галимова Моҳинур, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи мазкур Муъминҷонов Зулфиддин, котиби илмии ҷаласа – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ, муаллими калони кафедра Мулоева Нишона имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, дотсент Назарзода Маҳмуд Мирзо тасдиқ шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил дар мавзуи «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони Истиқлол)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи рӯзноманигорӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок мекунанд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф намудаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 2 монография, 25 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 14

мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маҷаллаҳои хориҷи кишвар ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи мавзуъ собит менамоянд.

РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ:

I. Монография:

[1-М] Рахимджонов, Х.У. Этические нормы: теория и практика применения в таджикской журналистике (монография) [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 176 с.

[2-М] Раҳимҷонов, Х.У. Меъёрҳои этикаи касбӣ дар журналистикаи тоҷик (монография) [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 184 с.

II. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[3-М] Раҳимҷонов, Х.У. Ташаккули меъёрҳои этикаи касбии журналистон дар пасманзари Ваҳдати миллӣ [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/6. – С. 309-312.

[4-М] Раҳимҷонов, Х.У. Риоя нагардидани меъёрҳои ахлоқӣ – омили коста гардидани эътимод [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №6. – С. 308-311.

[5-М] Раҳимҷонов, Х.У. Влияние глобализации на этические ценности [Матн] / Х.Раҳимҷонов // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2018. – №4 (57). – С. 140-142

[6-М] Раҳимҷонов, Х.У. Сомонаҳо ва ҳассосиятҳои ахлоқи миллӣ [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №1. – С. 285-290.

[7-М] Раҳимҷонов, Х.У. Ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – №1(84). – С.136-139.

[8-М] Раҳимҷонов, Х.У. Нигоҳе ба вазъи риояи меъёрҳои этикаи касбӣ дар ВАО-и электронӣ [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Номаи донишгоҳ.

Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд. – 2020. – №1(62). – С. 137-140.

[9-М] Раҳимҷон, Х. Вусъати эҳтиром ва ташаккули риояи меъёрҳои забони давлатӣ дар воситаҳои ахбори омма [Матн] / Х. Раҳимҷон // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе. – 2022. – №4(80). – С. 206-214.

[10-М] Раҳимҷон, Х. Ҷанбаҳои ахлоқии имиҷсозиҳо дар воситаҳои ахбори омма [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2023. – № 3(32). – С. 12-20.

[11-М] Раҳимҷон, Х. Этика ва қонун: марз, шинохт ва таҳлил [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №7. – С. 278-285.

[12-М] Раҳимҷон, Х. Нақди расонаӣ ва одоби баҳсҳои касбӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №8. – С. 250-256.

[13-М] Раҳимҷон, Х. Нигоҳе ба нозукиҳои касбӣ ва ахлоқии нишастҳои матбуотӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №1. – С. 246-254.

[14-М] Раҳимҷон, Х. Деонтологияи журналистика: моҳият, пайдоиш ва ташаккул [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №2. – С. 263-269.

[15-М] Раҳимҷон, Х. Нашрияҳои соҳавӣ: вазъият ва дурнамо (дидгоҳи маҷмуии ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ) [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №10. – С. 376-383.

[16-М] Раҳимҷон, Х. Масъулияти ахлоқии журналист ва муборизаҳои иттилоотӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2024. – №4-2(37). – С. 238-243.

[17-М] Гулов, С., Раҳимҷон, Х. Меъёрҳои этикиву ҳуқуқии журналистика дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ [Матн] / С. Гулов, Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. –

Кӯлоб, 2025. – №3-1 (40). – С. 198-203.

III. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[18-М] Rahimjon, Kh., Olimiyon, S. The importance of national in the era of civilizational clashes [Text] / Kh. Rahimjon, S. Olimiyon, // American Journal of Education and Learninig. – New-York, 2025. – Volume 3. – P. 887-892.

[19-М] Раҳимҷонов, Х.У. Несоблюдение этических норм – один из профессиональных проблем современной СМИ [Матн] / Х. Раҳимҷонов // ГЛОБУС (материалы Международная научно-практическая конференция «Достижения и проблемы современной науки»). – Санкт-Петербург, 2018. – С. 36-40.

[20-М] Rahimjonov Kh.U. The professional moral norms during the globalization of values [Матн] / Kh. Rahimjonov // «European multi science journal», Budaörs (Будапешт, Венгрия). – 2018. – №14. – С. 23-25.

[21-М] Раҳимҷон, Х. Баъзе мулоҳизаҳо дар бораи риояи меъёрҳои этикаи касбӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Асрори сухан (маҷмуаи мақолаҳо). – Хуҷанд, 2017. – С. 187-191.

[22-М] Раҳимҷон, Х. Мулоҳизаҳо перомуни баъзе масъалаҳои ахлоқии ВАО-и муосир [Матн] / Х. Раҳимҷон // Дар моварои сухан (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2018. – С. 106-111.

[23-М] Раҳимҷонов, Х.У. Шикасти арзишҳо ва расонаҳо [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе, 2019. – №4 (67). – С. 362-373.

[24-М] Раҳимҷон, Х. Дар шинохти деонтологияи журналистика [Матн] / Х. Раҳимҷон // Медиакоммуникатсияи маҷозӣ ва реклама: технологияҳои нав ва методологияи таҳқиқ / Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. – Хуҷанд, 2023. – С. 167-171.

[25-М] Раҳимҷон, Х. Набардҳои иттилоотӣ ва масъулияти журналистӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Материалы Международной научно-практической конференции «Стратегии и тренды развития журналистики, филологии и лингводидактики» (Часть 2). – Душанбе, 2024. – С. 164-168.

[26-М] Раҳимҷон, Х. Ҷомеаи журналистӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо». – Бохтар, 2025. – С. 479-483.

[27-М] Раҳимҷон, Х. Таносуби меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар воситаҳои ахбори омма [Матн]/ Х. Раҳимҷон // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Таъсири интернет ва расонаҳои рақамӣ дар мусоидат ба таърихи васоити ахбори омма ва омӯзиш дар замони муосир». – Кӯлоб, 2025. – С. 152-155.

Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

Тақризи доктори илмҳои фалсафа, директори Институти омӯзиши масъалаҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра** мусбат буда, дар он пешниҳоду эродҳои зерин ироа шудааст:

1. Ҷаҳонишавӣ ва таъсири он дар доираи илми рӯзноманигорӣ баррасӣ гардидааст. Аз нигоҳи мо, агар ба ин мафҳум ва таъсири он ба маърифату ахлоқи ҷомеа ва муносибати рӯзноманигорон низ таваҷҷуҳ мешуд, боз беҳтар мешуд.

2. Ахлоқ ва ҳуқуқ аз нигоҳҳои гуногун шарҳ ёфтаанд, аммо доир ба нақши муштараки онҳо дар ҳаёти ҷомеа ба таври умумӣ ибрози назар шудааст. Агар ин мазмун ба таври муфассал мавриди омӯзиш қарор мегирифт, арзиши кор боз ҳам болотар мерафт.

Тақризи доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини раиси Кумитаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **Имомзода Нилуфар Маҳмадюсуф** низ мусбат буда, дар он пешниҳоду эродҳои зерин манзур шудаанд:

1. Диссертант масъалаҳои марбут ба меъёрҳои этикиву ҳуқуқиро дар пайвастагӣ баррасӣ менамояд. Ба назари мо, агар ин мавзуъҳо дар алоҳидагӣ таҳқиқ мешуданд, боз беҳтар мебуд.

2. Хуб аст, ки диссертант ба масъалаи муҳимми замони муосир – зеҳни сунъӣ ва таъсири он ба масъалаҳои мавриди назари худ таваҷҷуҳ намудааст, вале ин диққат нисбатан маҷмуӣ аст.

Дар тақризи доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти муосири МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Мирзоюнус Матлуба** дастовардҳои довталаб таъкид гардида, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

1. Диссертант ҳангоми таҳқиқи ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ ба таърихи ташаккули онҳо таваҷҷуҳ намуда, аз файласуфону донишмандони асримиёнагии ниёгон ёд мекунад, аммо дар ин ҷо ба таърихи адабиёт ҳам, ки ин мавзуъ аз муҳимтарин масъалаҳо ба шумор меравад, таваҷҷуҳ мекард, баррасии мавзуъ боз ҳам пурратар мегардид.

2. Дар диссертатсия ба масъалаи ахлоқ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардида, доир ба паҳлуҳои гуногуни он маълумоти зарурӣ вуҷуд дорад, вале дар баробари ин, агар ба диди зебоишиносӣ низ ҳамчун ҷузъи муҳимми ахлоқ таваҷҷуҳ зоҳир мегардид, боз беҳтар буд..

Тақризи доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишгоҳи журналистика ва коммуникатсияҳои оммавии Ӯзбекистон **Қосимова Наргис** мусбат буда, дар он пешниҳоду эродҳои зерин манзур шудаанд:

1. Дар автореферат тафсилоти кофӣ дар бораи асоси эмпирикии (таҷрибавии) таҳқиқ мавҷуд нест. Сарфи назар аз истинод ба ҳуҷҷатҳои расмӣ ва маводди ВАО, агар шарҳи муфассалтари принсипҳои интихоби манбаъҳои таҳлилшуда, муҳлати таҳқиқ ва меъёрҳои арзёбии маводҳо сурат мегирифт, боз беҳтар буд. Зеро ин имкон медиҳад, ки барои хулосаҳои бадастомада далелҳои пурратар пешниҳод шаванд.

2. Робитаи байни меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар журналистика ба тавзеҳи бештар ниёз дорад. Муаллиф робитаи наздики онҳоро таҳқиқ мекунад, аммо муҳим аст, ки миёни механизмҳои масъулияти ахлоқии журналист ва масъулияти ҳуқуқӣ барои вайрон кардани қонун фарқи равшантар гузошта шавад. Чунин тафовут барои дарки марзҳои худтанзимкунии касбӣ ва танзими ҳуқуқии ВАО аз ҷониби давлат мусоидат менамояд.

3. Агар таҳлили бештари расонаҳои рақамии муосир сурат мегирифт, боз хубтар буд. Дар шароити рушди босуръати шабакаҳои иҷтимоӣ, фазои рӯзноманигорӣ ва шаклҳои нави паҳннамоии иттилоот таваҷҷуҳи асосӣ ба дақиқ будани маълумот, ҳимояи маълумоти шахсӣ, истифодаи мундариҷаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва масъулиятнокии журналистон дар фазои рақамӣ равона мегардад. Баррасии муфассали ин ҷиҳатҳо самти амалии таҳқиқро тақвият мебахшид.

4. Таҷрибаи байналмилалии худтанзимнамоии ВАО ба таҳлили муқоисавии бештар ниёз дорад. Муқоисаи намунаҳои миллӣ, санадҳои ахлоқӣ ва механизми баррасии шикоятҳои аудитория барои мушаххас намудани махсусиятҳои журналистикаи тоҷик, инчунин, барои муайян намудани имкониятҳои татбиқи таҷрибаи хориҷӣ бо назардошти муҳити дохилӣ мусоидат мекунад.

5. Тавсияҳои амалӣ боз ҳам мушаххастар пешниҳод мешуданд, беҳтар буд. Аз ҷумла, муайян кардани механизмҳои имконпазири татбиқи меъёрҳои ахлоқӣ дар амалияи рӯзноманигорӣ, баланд бардоштани сатҳи самаранокии фаъолияти иттиҳодияҳои касбӣ ва

беҳтар кардани омӯзиши рӯзноманигорони оянда дар соҳаи ахлоқу ҳуқуқи ВАО муфид хоҳад буд.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе заъфу нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии онро таъкид карда, муаллифро ба дараҷаи **илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ** сазовор донистаанд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

- диссертант Раҳимҷон Хушдил аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти рӯзноманигорӣ истифода карда, ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷикро таҳқиқ намуда, дурнамо ва масъалаҳои меҳварии таҳқиқро **муайян сохта,** кори илмии арзишманд ва муҳимро **ба анҷом расонидааст;**
- раванди ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика **омӯхта шуда,** аҳаммияти илмии таҳқиқи онҳо **муайян карда шудаанд;**
- заминаҳои пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ **баррасӣ гардида,** дар асоси онҳо нақш, аҳаммият ва муҳиммияти бештари меъёрҳои мазкур дар журналистикаи муосир **таҳқиқ шудаанд;**
- ба яке аз мафҳумҳои асосии ҷомеаи мутамаддин – озодии сухан таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, он омили меҳварии рӯзноманигорӣ дониста шудааст ва доир ба муносибати хосса бо он **пешниҳодҳо манзур гардидааст**;
- ба вуҷуд омадани ташаббус ва кӯшишҳои таҳия ва қабули санадҳои худтанзимкунандаи фаъолияти воситаҳои ахбори омма аз ҷониби ҷомеаи журналистӣ ҳамчун талаботи низоми нави ҷамъиятӣ дониста шуда, махсусиятҳои он равандҳо **таҳқиқу баррасӣ гардидааст**;
- раванди муносибат бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар рӯзноманигории тоҷик омӯхта шуда, такяи ин муносибатҳо ба таҷрибаи байналмилалӣ ва ҳаммаромӣ бо он муайян шудааст;
- раванди ба вуҷуд омадани меъёрҳои ҳуқуқӣ дар журналистика омӯхта шуда, дар асоси таҳқиқи заминаҳояшон чун талаботи хоси низоми нави ҷомеа – бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ будани онҳо **собит карда шудааст;**
- мавқеи ҷомеаи журналистӣ дар ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ омӯхта шуда, иштироки фаъолонаи рӯзноманигорон дар раванди таҳия ва қабули асноди этикӣ, инчунин, таъсиргузор будани таклифу

пешниҳодҳои журналистон барои беҳтар гардидани сатҳу сифати санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ **муайян карда шудааст**;

– зуҳуроти нави фазои рӯзноманигории муосир – ба вуҷуд омадани падидаҳои деонтологӣ **таҳлил шуда,** мавзуи мазкур аз чанд нуктаи назар, аз ҷумла, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам ҷанбаи амалӣ **баррасӣ гардидааст.**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар илми журналистикаи тоҷик омӯзиши комплексии алоқамандии меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ ва касбӣ ба вуҷуд оварда шуд. Дар диссертатсия донишҳои назарии самти рӯзноманигорӣ тақвият бахшида шуда, дастовардҳои илмии онро ҳангоми таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои этикаи касбии журналист ва барои ба даст овардани маълумоти иловагӣ доир ба асосҳои ҳуқуқии соҳа истифода бурдан мумкин аст. Маводди таҳқиқ ва хулосаҳои муаллиф дар коркарди назариявии минбаъдаи мавзуъҳои мавриди назар замина фароҳам меорад. Инчунин, дар диссертатсияи мазкур дурнамои муносибат бо меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқии соҳавӣ дар шароити рушди падидаҳои мухталифи ҷомеаи муосир, аз ҷумла, зеҳни сунъӣ масъалагузорӣ шудааст.

Дар раванди таҳқиқу омӯзиши мавзуъ ва таҳлилу баррасии масъалаҳои ҷудогона аз таҷриба ва дастовардҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ба монанди Б. Камолиддинов, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, И. Усмонов, М. Имомзода, М. Муродӣ, Ҷ. Саъдуллоев, М. Абдуллозода, М. Муқимов, А. Азимов, Ш. Муллоев, З. Муъминҷонов, М. Ҷӯраева, Т. Ҳасанова, Б. Ҳошимзода (Б. Қутбиддин), А. Афсаҳзод, Қ. Мухторӣ, С. Гулов, Қ. Шарифзода, муҳаққиқони рус Е. П. Прохоров, С.Г. Корконосенко, В. В. Ворошилов, Г. В. Лазутина, Д. С. Авраамов ва дигарон ҳамчун маводди назарӣ **омӯхта ва истифода шудаанд.**

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз **методҳои** таҳқиқи назариявӣ, муқоисавӣ, таърихӣ, мантиқӣ, равиши низомнок, таҳлил, ҷамъбаст ва умумиятдиҳӣ истифода шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаҳои онро ҳангоми таълими фанҳои тахассусии этикаи касбии журналист, асосҳои ҳуқуқии журналистика, деонтологияи журналистика истифода бурдан мумкин аст. Инчунин, маводди дар натиҷаи таҳқиқи мазкур ба даст омада метавонад дар таълифи китобҳои дарсӣ, дастури таълимӣ, мақолаҳои илмӣ, такмили барномаҳои таълимию илмӣ ва мукаммалсозии нақшаҳои марбут ба мавзуъҳои мазкур истифода гардад. Қисмҳои алоҳидаи

рисоларо метавон ҳамчун маводди боэътимод ҳангоми хондани курсу семинарҳои интихобӣ доир ба этикаи касбии журналист, асосҳои ҳуқуқии журналистика, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоъ дар шуъбаҳо ва ихтисосҳои журналистикаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ мавриди истифода қарор дода, ба фаъолияти бонизому пурсамари журналистони оянда мусоидат намудан мумкин аст.

Ғояи диссертатсия дар асоси омӯзиш ва истифодаи афкори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва дар заминаи таҳлилу баррасии мазмуну моҳият, шинохт, заминаҳои пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика, зарурат ва аҳаммияти онҳо, қабули санадҳои марбут ба меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ, меъёрҳои ахлоқии идораҳои алоҳидаи воситаҳои ахбори омма ва махсусиятҳои онҳо, вазъи риояи меъёрҳои этикиву ҳуқуқии соҳавӣ дар амалияи рӯзноманигорӣ, деонтологияи журналистика ва падидаҳои деонтологӣ дар журналистикаи тоҷик асоснок карда шудааст.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки дар таҳқиқи диссертатсионии мазкур аз консепсияҳои илмӣ ва назарияи журналистикаи ватанӣ ва хориҷӣ истифода шудааст. Мушаххас будани мавзуъ, дақиқии маълумоти истифодагардида, кофӣ будани ҳаҷми маводди пажуҳиш, таҳлил ва коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишороти довталаби дараҷаи илмӣ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ нишонаи дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ мебошанд. Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқи мазкур дар асоси таҳлил ва баррасии илмию назарӣ ва амалии мавзуъ пешниҳод шудаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар муддати 9 сол ба ҷамъовариву таҳлили маводди илмӣ, омӯзиши осори назарӣ, таснифу таҳлили маводди гирдовардашуда ва таълифи кори илмӣ машғул гардида, дар ин самт монография ва мақолаҳо таълиф намуда, дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ маъруза кардааст. Диссертант дар ҷараёни таҳқиқ, таълифи мақолаҳои илмӣ ва диссертатсия мустақилият дошта, ҳангоми баррасии масъалаҳои меҳварии бобу фаслҳои кори таҳқиқӣ аз мушовири илмӣ машваратҳо гирифтааст. Диссертант бо истифода аз равишҳои илмӣ дар интихобу таҳлили мавод, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ дар журналистика, муайян намудани махсусиятҳои онҳо, ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳодҳои мушаххас барои беҳбуд бахшидани этикаи касбии

журналист ва асосҳои ҳуқуқии журналистика, фароҳам овардани замина барои таҳқиқоти баъдӣ ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 4-уми ноябри соли 2026 дар бораи сазовор донистани Раҳимҷон Хушдил ба дараҷаи **илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ** қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шуро (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №83/шд) 10 нафар, аз ҷумла 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ иштирок доштанд.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, 10 нафар дар овоздиҳӣ иштирок намуда, овоз доданд: тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Имомзода М.С.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Зоириён Б.Ш.
04.11.2026